«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор
Ибодуллозода А.И.
«____» ___июни___ соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионии Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба талаботи мавҷуда пурра мутобиқ мебошад. Муҳтаво ва равиши таҳқиқот низ ҷавобгӯйи талабот ва меъёрҳои муайяннамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Бояд зикр кард, ки таҳқиқ дар доираи шиносномаи ихтисоси мазкур тамоми унсурҳои зарурии назариявӣ ва амалӣ, аз ҷумла, методологияи таҳлил ва таҳқиқоти муқоисавиро фаро гирифтааст. Диссертант дар кори илмии худ ба баррасии васеи адабиёти назариявӣ ва таърихӣ пардохта, асосҳои назариявии мавзуъро ҳамаҷониба тавзеҳ додааст.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки мавзуи интихобнамудаи диссертант, ки «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» номгузорӣ шудааст, яке аз масъалаҳои муҳим ва саривақтии рушди илми педагога маҳсуб ёфта, ҷавҳари афкори педагогии ниёгонро дар таҳкими рукнҳои маънавии давлатдории миллӣ, ташаккули тафаккури созандагию бунёдкории мардум, афзудани ифтихори миллӣ, хештаншиносӣ, ватандорӣ ва ҳувияти миллӣ дар бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёд,

демократӣ ва дунявӣ нақши муассир мегузорад. Муҳаққиқ андеша дорад, ки раванди ташаккули арзишҳои ҳаётӣ, аҳаммияти онҳо дар ташаккули шахсияти ҷавонон, ба анъанаҳо, қоидаҳои рафтор, урфу одат ва маросими миллӣ ошно намудани онҳо ба омӯзиши амиқу ҳамаҷонибаи қонуниятҳои муосири танзимкунандаи масъалаҳои таълиму тарбияи ҷавонон бо мақсади истифодаи натиҷаҳои бадастомада ҷиҳати ташкили корҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таълимии кишвар ниёз дорад.

Ҳангоми баррасии арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ бояд ба самтҳои мушаххаси фалсафӣ, педагогӣ, сиёсӣ, динӣ, иқтисодию иҷтимоӣ таваҷҷуҳи хоса намуд, ки аз мавқею манзалати он арзиши урфу одат, маросиму анъана, қоидаҳои рафтору муқаррарот ва дигар масоили хоси мардум муайян карда мешавад.

Барои рушди ҳамаҷонибаи низоми миллии таҳсилот бояд ба таҷрибаи таърихии халқ, инчунин, асосҳои илмӣ-педагогии таълиму тарбия такя намуд.

Дар ҳама давру замон масъалаи тарбияи ҷавонон барои олимон ва мутафаккирони бузург масъалаи мубрам ва бархурди замон ба шумор мерафт. Вобаста ба ин масъала дар адабиёти мардумӣ аз ҷониби муҳаққиқон ривоятҳо ва асарҳои илмии зиёде таълиф меёфтанд. Аз ин лиҳоз, барои ҷустуҷӯйи роҳи ҳалли проблемаҳои илми педагогика омӯзиши ҳаматарафаи мероси таърихии гузаштагон, ғояҳо ва андешаҳои педагогии муҳаққиқон, файласуфон, маорифпарварон, инчунин, роҳу усули таълиму тарбияи дар асарҳои халқӣ мавҷудбуда лозим аст.

Дар таърихи Тоҷикистон ва таърихи дигар халқиятҳо муҳаққиқону мутафаккироне, ки осори арзишманди худро боқӣ гузоштаанд, чунин мепиндоштанд, ки нақши дониш дар кори такомули инсон ва ҷузъи маънавию ахлоқии ӯ басо бузург аст. Дар осори классикон бошад, чунин омадааст, ки кӯдаконро дар руҳияи ахлоқи воло, хоксорӣ, меҳнатдӯстию башардӯстӣ, таҳаммул, меҳру муҳаббат ба Ватан, фидокорӣ дар роҳи шукуфоии Ватан ва нафрат ба душман бояд тарбия кард. Аз ин бармеояд, ки мутафаккирони классик ҳамеша ақида доштанд, ки инсон бояд ба таҳсилот ва рушди ҷисмонии худ пайваста машғул бошад.

Диссертант қайд кардааст, ки «Бисёр олимону нависандагон ва шоирони асрҳои миёна пайрави ақидаю мавқеъҳои пешқадами замони худ буданд. Онҳо башардӯстиро ҳамчун асоси тарбияи ахлоқӣ ва маънавии насли ҷавон таблиғ менамуданд. Маҳз дар ҳамин замон адабиёте арзи вуҷуд менамуд, ки манбаи донишҳо дар илмҳои гуногун ва соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла педагогика ба ҳисоб мерафт. Имрӯз он адабиёт воқеан ахлоқӣ ва амиқан маънавӣ эътироф шудааст».

Таҳқиқоти осори мутафаккирону олимони гузашта на танҳо ҳамчун ҳифзу нигаҳдории мероси фарҳангию педагогии ниёгон, балки ба ҳайси дорои арзиши бузурги таърихию педагогӣ аз аҳаммият бархӯрдор мебошад, ки ба воситаи он илмҳои ҷамъиятии муосир бо шумули педагогика бо вазифаҳои таълиму тарбиявии он рушду нумуъ менамояд.

Арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ метавонанд илми ватании муосирро ба таври назаррас ғанӣ гардонда, тавассути таҳқиқоти мероси гузаштагон ғояҳои навро фароҳам созанд.

Ҳамин тавр, далелҳои дар боло зикргардида мубрамии таҳқиқоти увонҷӯро муайян кардааст ва дар робита асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи ғояҳои педагогии ниёгон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода мешавад.

Мавриди зикр аст, ки диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба таҳқиқи масъалаи бисёр мубрам ва саривақтӣ бахшида шудааст.

Дар маҷмуъ, мавзуи диссертатсия аз нигоҳи назарӣ ва амалӣ мубрам буда, натиҷаҳои он метавонанд дар такмили раванди таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вобаста ба эҳтирому арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ саҳми арзанда гузоранд.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» аз лиҳози дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодот дар сатҳи баланд арзёбӣ мегардад. Муаллиф тавонистааст, ки на танҳо мубрамияти мавзуъро ба таври дақиқ нишон диҳад, балки натиҷаҳои бадастомадаро низ бо далелҳои қавӣ ва усулҳои тадқиқотии муосир асоснок намояд.

Асосноккунии илмии гузоришҳо. Гузоришҳои илмӣ, ки дар диссертатсия пешниҳод шудаанд, аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок мебошанд. Муаллиф таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, таҳқиқоти мавҷуда дар соҳаи педагогикаро анҷом додааст. Ин таҳлил имкон додааст, ки ҷиҳатҳои омӯхташуда ва кам омӯхташудаи мавзуъ муайян гардида, роҳҳои нави ҳалли мушкилот пешниҳод шаванд. Истинод ба асарҳои олимони маъруфи тоҷик, ба монанди Б. Ғафуров, В. Асрорӣ, Қ. Қодиров, М. Лутфуллоев, Ф.

Шарифзода, Х. Мирзозода, Б. Раҳимов, А. Паҳлавонов ва таҳлили диссертатсияҳои ҳимояшуда дар давраҳои гуногун, аз ҷумла пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, гувоҳи таҳлили ҳамаҷонибаи масъала мебошад.

Хулосаҳои диссертатсия ба таври мантиқӣ аз натиҷаҳои таҳқиқот бармеоянд. Муаллиф тавонистааст, ки робитаи байни назарияи ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон ва татбиқи онҳоро ҳангоми баргузории машғулиятҳо дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон ба таври возеҳ нишон диҳад. Хулосаҳо на танҳо ҷанбаҳои назариявии масъаларо дар бар мегиранд, балки ба проблемаҳои мушаххаси ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавонро зимни истифодаи афкори педагогии ниёгон ва такмили мусбии тарбияи ахлоқии наврасону ҷавононро дар ҷомеаи имрӯза тамаркуз мекунанд. Ин нишон медиҳад, ки хулосаҳо ба таври амалӣ қобили истифода мебошанд.

Пешниҳодоти дар диссертатсия овардашуда ба таҷриба нигаронида шудаанд ва дорои асоснокии илмӣ-методӣ мебошанд. Таҳқиқот ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки чӣ гуна истифодаи афкори педагогии ниёгон дар ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон нақши калидӣ бозанд. Пайвастагии таҳқиқот бо қонуну консепсия ва барномаҳои давлатии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» ва Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосноккунии амалии пешниҳодотро боз ҳам тақвият медиҳад.

Пешниҳодҳое, ки оварда шудаанд, ба зарурати таҳқиқоти мазкур ишора мекунад ва ин қисмати диссертатсияро дар самти мазкур асоснок менамояд.

Дар маҷмуъ, дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодоти дар диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир овардашуда ба талаботи илмӣ ҷавобгӯ буда, дорои арзиши баланди назариявӣ ва аҳамияти амалӣ мебошанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.**

Кори довталаб дорои навгонии баланди илмӣ мебошад, ки онро дар якчанд ҷанбаи муҳим метавон арзёбӣ кард. Муаллиф тавассути таҳқиқи масъалаи асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва пайванди он зимни истифодаи афкори педагогии ниёгон, дар илми педагогикаи муосир саҳми назаррас мегузорад. Муаллиф тавонистааст навгониҳои асосии таҳқиқотро дар нуктаҳои зерин инъикос намояд:

– нақши арзишҳои педагогии миллӣ ва умумибашарӣ. Бори нахуст дар ин диссертатсия нақши арзишҳои педагогии миллӣ ва умумибашарӣ, вобаста ба рушди таърихӣ, дар ташаккулёбии ахлоқ ва маънавияти насли наврасу ҷавон, ҳамчун шарти асосии тарбияи шаҳрванди нави Тоҷикистони демократӣ ва мустақилу соҳибихтиёр асоснок карда шудааст.

– асосноксозии назариявии раванди дар насли наврасу ҷавони тоҷик ташаккулёбии арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ. Муҳаққиқ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бори аввал асосноксозии назариявии раванди дар насли наврасу ҷавони тоҷик, ташаккулёбии арзишҳои миллӣ ва умумибашариро ироа намуда, низоми татбиқи амалии онро дар такя ба мероси педагогии мутафаккирони асримиёнагӣ таҳлил ва муайян кардааст.

Ин имкон медиҳад, ки муносибати ҳамаҷониба ба ташаккулёбии арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ бо дарназардошти омилҳои иҷтимоӣ ва маънавӣ роҳандозӣ гардад.

– консепсияи ташаккулёбии арзишҳои миллӣ ва умумибашарии ба ғоя ва андешаҳои педагогии мутафаккирони асримиёнагӣ асосёфта. Бори аввал консепсияи дар насли наврасу ҷавони мамлакат ташаккулёбии арзишҳои миллӣ ва умумибашарии ба ғоя ва андешаҳои педагогии мутафаккирони асримиёнагӣ асосёфта таҳия ва барои истифодаи амалӣ пешниҳод гардидааст.

Ин консепсия як дидгоҳи навро дар педагогика пешниҳод мекунад, ки хонандагонро на танҳо ҳамчун субъекти таълим, балки ҳамчун объекти тағйироти иҷтимоӣ мешиносанд.

– ворид намудани назарияи нави ҳамгироии тарбияи анъанавӣ ва миллӣ бо тарбияи замонавӣ: Бори нахуст назарияи нави ҳамгироии тарбияи анъанавӣ ва миллӣ бо тарбияи замонавӣ дар дидактика ворид карда мешавад, ки он насли наврасу ҷавонро фаро мегирад. Ин усул ба нигоҳ доштани арзишҳои миллӣ дар заминаи рушди муосири педагогика мусоидат мекунад.

Дар рисола бори нахуст ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ин падида аз нигоҳи дидактикӣ таҳия шудааст. Ин гузориш нишон медиҳад, ки таҳқиқот на танҳо ба масъалаҳои назариявӣ, балки ба татбиқи амалии натиҷаҳои бадастомада низ таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст.

Саҳеҳии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада шубҳанопазир буда, тавассути омилҳои зерин таъмин гардидааст:

1. Асосноккунии назариявӣ ва методологӣ: Муаллиф дар таҳқиқоти худ ба пойгоҳи мустаҳками назариявӣ такя кардааст. Таҳлили амиқи адабиёти илмӣ доир ба педагогика ва психология нишон медиҳад, ки муаллиф аз падидаҳои мавзуъ ва роҳҳои ҳалли онҳо огоҳии комил дорад. Истифодаи методҳои гуногуни тадқиқотӣ, ки дар қисмати мубрамият низ ишора шудааст

(таҳлили адабиёт, мушоҳида, таҷрибаи педагогӣ, пурсиш), ба ҳамаҷонибагии омӯзиши масъала мусоидат кардааст. Инчунин, таҳлили диссертатсияҳои ҳимояшуда дар самти педагогика аз солҳои 50-уми асри XX то давраи муосир, дараҷаи баландтари илмии корро таъмин менамояд.

2. Таҳлили ҳамаҷонибаи масъала: Диссертатсия танҳо ба ҷанбаҳои афкори педагогии ниёгон маҳдуд нашуда, инчунин, ҷанбаҳои фарҳангӣ, таърихӣ, тарбиявӣ ва иҷтимоии онҳоро мавриди таҳлил қарор додааст. Муқоисаи таваҷҷӯҳ ба арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон, ки дар мубрамият оварда шудааст, далели саҳеҳияти муайян кардани самти асосии таҳқиқот (кор бо наврасону ҷавонон) мебошад.

3. Робита бо барномаҳои давлатӣ: Ин нишон медиҳад, ки натиҷаҳои таҳқиқот танҳо хусусияти назариявӣ надошта, балки барои татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм қобили истифода мебошанд.

4. Ба назар гирифтани маводҳои махсуси илмӣ-методӣ доир ба тартиби таҳияи таҳқиқотҳои илмӣ дар самти педагогика ба риояи меъёрҳои илмӣ ва баланд будани сифати тадқиқот гувоҳӣ медиҳад.

Дар маҷмуъ, навгонии илмӣ ва саҳеҳии натиҷаҳои бадастомадаи диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир дар он зоҳир мегардад, ки он масъалаи муҳимми ташаккули арзишҳои миллиро дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон аз дидгоҳи нави дидактикӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, бо ин васила ба рушди илми педагогика ва амалияи таълим дар муассисаҳои таълимӣ саҳми арзанда мегузорад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.**

Диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» дорои аҳамияти назарраси илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки онро метавон чунин арзёбӣ намуд:

Аҳамияти илмӣ. Натиҷаҳои таҳқиқот ба рушди илми педагогика, бахусус самти назария ва методикаи таълиму тарбия, саҳми босазо мегузоранд, аз ҷумла:

- Диссертатсия бори аввал консепсияи дар насли наврасу ҷавони мамлакат ташаккулёбии арзишҳои миллӣ ва умумибашарии ба ғоя ва андешаҳои педагогии мутафаккирони асримиёнагӣ асосёфтаро таҳия ва барои истифодаи амалӣ асоснок намудааст. Ин қадам як дидгоҳи навро дар педагогика пешниҳод мекунад, ки барои насли наврасу ҷавон муҳим аст.

- Бори нахуст пешниҳоди ворид кардани назарияи нави ҳамгироии тарбияи анъанавӣ ва миллӣ бо тарбияи замонавӣ дар дидактикаро гузошта, имкон медиҳад, ки ин раванд ба нигоҳ доштани арзишҳои миллӣ дар заминаи рушди муосири педагогика қарор гирад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои диссертатсия барои такмили раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои олии касбӣ дорои аҳамияти калони амалӣ мебошанд:

- Дар таҳияи дастурҳои методӣ. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот метавон дастурҳои методӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои олии касбӣ оид ба татбиқи ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон дар раванди таълим таҳия кард. Ин дастурҳо метавонанд дар ташкили дарсҳо, идоракунии раванд ва ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон тавассути истифодаи афкори педагогии ниёгон муфид бошанд.

- Дар ташкили курси таърих ва назарияи илми педагогика. Татбиқи консепсияи пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки раванди таълиму тарбия ҷолибтар ва самарабахштар гарданд, ки ин ба баланд бардоштани шавқу завқи насли наврасу ҷавон ба ташаккули арзишҳои миллӣ мусоидат мекунад.

- Дар курсҳо оид ба таърихи рушди таҳсилот дар Тоҷикистон, афкори педагогии педагогикаи мардумӣ. Маводи диссертатсияро метавон дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон, инчунин, дар раванди таълими донишҷӯёни муассисаҳои олии касбӣ истифода бурд.

- Дар омодасозии маҷмуи васоити таълимию методӣ, барномаҳои муассисаҳои таҳсилоти равияи педагогидошта. Натиҷаҳо метавонанд дар таҳия ва навсозии барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти равияи педагогидошта, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бо дарназардошти ҷанбаҳои ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон истифода шаванд.

Сатҳи таҳқиқоти илмии муаллиф на танҳо аз ҷиҳати ҷамъоварии маълумот, балки дар самти таҳлили мукаммал, сохторбандӣ ва барқарор кардани пайванди мутақобилаи назария ва амалия шоистаи баҳо мебошад. Инчунин, татбиқи принсипҳои педагогикаи фарҳангӣ, таҳқиқоти эмпирикӣ ва коркарди модели амалӣ, ки дар рисола амалӣ шудаанд, нишон медиҳанд, ки масъала на фақат илмӣ омӯхта шудааст, балки роҳҳои амалисозии он аз ҷиҳати иқтисодиву иҷтимоӣ низ пешниҳод гардидаанд.

Дар маҷмуъ, ин қисмати рисола шоҳиди он аст, ки масъалаи мавриди таҳқиқ то кунун дар чунин сатҳи амиқ, бо ин шакли таҳлил ва ин миқдори такя ба манбаъҳои гуногун омӯхта нашуда буд. Муаллиф бо интихоби

дурусти масъала, таҳлили мантиқӣ ва равиши танқидии худ, ҷойгоҳи илмии таҳқиқоти мазкурро дар сатҳи муосири илмӣ асоснок кардааст.

Хусусияти ҷолиб ва навоваронаи ин қисмат дар он ифода меёбад, ки муаллиф кӯшидааст миёни таҳқиқоти назариявӣ ва амалияи педагогӣ пайванди мантиқӣ барқарор намояд. Ӯ масъаларо танҳо аз нигоҳи таҳлили назариявӣ набардошта, балки ба натиҷаҳои воқеии таҳқиқ ва эҳтиёҷоти амалӣ, иқтисодию иҷтимоӣ такя намудааст, ки ин равиш сатҳи баланди масъулияти илмии муҳаққиқро нишон медиҳад.

Ба ин тартиб, қисмати мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ дар рисола на танҳо ба таври возеҳ сохтор ёфтааст, балки дар асоси принсипҳои мантиқӣ ва илмии таҳқиқ пурра асоснок шудааст.

Дар рисолаи доктории Аҳмадзода Зулфия Кабир як қатор натиҷаҳои нав ва асосноку зарур барои илми педагогика пешниҳод гардидаанд, ки дорои арзиши назариявию амалӣ ва аҳамияти илмӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии мустақил мебошанд. Саҳми шахсии муаллиф пеш аз ҳама дар таҳияи як системаи мукаммали методологӣ барои ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон зоҳир мегардад.

Аҳамияти иҷтимоӣ. Диссертатсияи мазкур ба масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ таваҷҷӯҳ карда, дар рушди ҷомеа саҳми арзанда мегузорад. Муҳимтарин аҳамияти иҷтимоии диссертатсия дар таҳким ва ташаккули арзишҳои миллӣ дар байни насли наврасу ҷавон мебошад, ки дар шароити таъсири манфии расонаҳои интернетӣ ва камҳаракатӣ махсусан аҳамиятнок аст. Ин ба ташаккули худшиносии миллӣ ва эҳсоси ватандӯстӣ дар байни насли наврасу ҷавон кӯмак мерасонад.

Хулоса, натиҷаҳои диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир на танҳо дорои арзиши баланди назариявӣ ва амалӣ дар соҳаи педагогика мебошанд, балки ба рушди ҳамаҷонибаи инсон ва ҷомеа, аз ҷумла дар соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, саҳми назаррас мегузоранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.**

Диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» аз нигоҳи эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ дар сатҳи баланд қарор дорад. Ин ҷанбаҳо тавассути омилҳои калидии зерин таъмин карда шудаанд:

1. Асосҳои мустаҳками методологӣ. Натиҷаҳои таҳқиқот ба методологияи илмии мустаҳкаме такя мекунанд. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ бо мавқеи методологии бунёдӣ, методикаи

мукаммали тадқиқ, мутобиқии мақсадҳо, вазифаҳо ва мантиқ, ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ки нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои диссертатсияро тасдиқ мекунад, алоқамандии назария бо амалияи кор дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии озмоишӣ, бо таҷрибаи педагогии муаллиф дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми тадриси фанҳои ба раванди коркарди маълумот нигаронида; бо иштироки муаллиф дар чорабиниҳои гуногун оид ба такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ аз рӯйи самтҳои ба таҳқиқот алоқаманд таъмин карда шуданд. Эътиборнокии хулосаҳои дар раванди таҳқиқ бадастомада, инчунин, бо озмоишҳои педагогӣ ва натиҷаҳои таълим, инчунин, бо беихтилофии мавқеъҳои назариявие, ки ташаккули онҳо ба таҳлили ғояҳои педагогии муҳаққиқони гуногун асос ёфтааст, мувофиқати методҳои таҳқиқот бо ҳадафҳои матраҳгардида, бисёрҷанбагӣ ва бардавомии таҳқиқоти роҳандозишуда аз тариқи назариявӣ ва амалӣ, тасвиби натиҷаҳои бадастомада дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимии пойгоҳи озмоишии таҳқиқот таъмин карда шудаанд.

Муаллиф дар мубрамияти кор ба таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, аз ҷумла диссертатсияҳои ҳимояшуда дар соҳаҳои марбут ба педагогика ва психология ишора намудааст.

2. Татбиқи методҳои муносиби таҳқиқот. Агар дар диссертатсия методҳои тадқиқотии ба мақсад мувофиқ, аз қабили таҳлили адабиёт, мушоҳида, пурсиш ва таҷрибаи педагогӣ истифода шуда бошанд, ин ба дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳо мусоидат мекунад. Масалан, гузаронидани таҷрибаи педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва коркарди омории маълумотҳои бадастомада имкон медиҳад, ки самаранокии консепсияи пешниҳодшуда ба таври объективӣ арзёбӣ гардад.

3. Мантиқии хулосаҳо ва пешниҳодот. Хулосаҳои диссертатсия аз натиҷаҳои таҳқиқот ба таври мантиқӣ бармеоянд. Гузоришҳо дар бораи мубрамияти мавзуъ, навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳо, ки қаблан зикр шуда буданд, баёнгари мантиқии тафаккури илмӣ ва пайдарпайии кор мебошанд.

4. Таъкид ба талаботи муосир ва барномаҳои давлатӣ. Алоқамандии таҳқиқот бо барномаҳои давлатӣ эътимоднокии амалии натиҷаҳоро хеле баланд мебардорад. Ин маънои онро дорад, ки натиҷаҳои бадастомада на танҳо арзиши илмӣ доранд, балки барои татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм низ муфиданд, ки ин асоснокии онҳоро таъмин месозад.

Аз ин рӯ, бо дарназардошти ҳамаи ин омилҳо, метавон хулоса кард, ки натиҷаҳои дар диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир бадастомада эътимоднок, дуруст ва ба таври кофӣ асоснок мебошанд. Онҳо метавонанд ҳамчун заминаи боэътимод барои таҳияи барномаҳои таълимӣ, дастурҳои

методӣ ва таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи педагогика ва илми кишвар хидмат кунанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ва таҳқиқ.**

Саҳми шахсии Аҳмадзода Зулфия Кабир дар таҳия ва иҷрои диссертатсия дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» муҳим ва назаррас арзёбӣ мегардад. Ин саҳм дар ҷанбаҳои зерин ба таври возеҳ зоҳир мегардад:

Интихоб ва асосноккунии мавзуъ. Аҳмадзода Зулфия Кабир мавзуи мубрам ва саривақтиро интихоб намуда, зарурати таҳқиқи истифодаи афкори педагогии ниёгонро дар ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон, махсусан барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ба таври амиқ асоснок кардааст. Ин интихоб нишон медиҳад, ки муаллиф аз мушкилоти амалии соҳаи маориф ва илм огоҳии комил дорад.

Таҳлили амиқи назариявӣ. Довталаб таҳлили ҳамаҷонибаи адабиёти илмӣ, асарҳои олимон ва диссертатсияҳои ҳимояшударо дар соҳаҳои марбута анҷом додааст. Ин кори бузурги таҳлилӣ ба ӯ имкон дод, ки холигоҳҳои илмиро муайян намояд ва ба таҳияи консепсияи ташаккулёбии арзишҳои миллӣ ва умумибашарии ба ғоя ва андешаҳои педагогии мутафаккирони асримиёнагӣ асосёфта ноил гардад.

Дастёбӣ ба натиҷаҳои илмӣ-амалӣ. Аҳмадзода Зулфия Кабир на танҳо ҷанбаҳои назариявии масъаларо баррасӣ намудааст, балки ба таҳияи хулосаҳо ва пешниҳодоте ноил гардидааст, ки дорои аҳамияти баланди амалӣ мебошанд.

Пайванд додани таҳқиқот бо барномаҳои давлатӣ. Саҳми шахсии муаллиф дар он аст, ки ӯ таҳқиқоти худро ба барномаҳои муҳими давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм пайванд додааст. Ин нишон медиҳад, ки ӯ на танҳо ба масъалаҳои илмӣ, балки ба татбиқи амалии натиҷаҳои кор ва саҳмгузорӣ дар рушди кишвар низ таваҷҷӯҳ дорад.

Масъулияти илмӣ. Довталаби дараҷаи илмӣ бо масъулияти баланд ба таҳқиқоти илмӣ муносибат карда, ҳадафҳои гузошташударо ба таври пурра амалӣ намудааст.

Дар маҷмуъ, саҳми шахсии Аҳмадзода Зулфия Кабир дар диссертатсияи мазкур дар муайян кардани мубрамияти мавзуъ, таҳияи консепсияи навоварона, асосноккунии илмӣ ва амалии натиҷаҳо ва пайвастагии онҳо бо талаботи ҷомеа зоҳир гардида, муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот фаъолона иштирок намуда, мустақилияти илмӣ, қобилияти таҳлилӣ ва ташаббускории худро нишон додааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Мавҷудияти интишороти зиёд аз рӯйи мавзуи диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» гувоҳи фаъолияти баланди илмӣ-таҳқиқотӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастомада мебошад.

Махсусан, қайд карда мешавад, ки нуктаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқот дар 3 монография, 2 дастури таълимӣ, 54 мақолаи илмӣ ба табъ расидаанд. Аз ин теъдод, 22 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Мавҷудияти 3 монография аз рӯйи мавзуи диссертатсия низ махсус қобили таваҷҷӯҳ аст. Монографияҳо шакли мукаммали муаррифии натиҷаҳои таҳқиқот буда, ба таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи масъала имкон медиҳанд.

Дар маҷмуъ, шумораи зиёд ва сифати интишороти Аҳмадзода Зулфия Кабир аз рӯйи мавзуи диссертатсия далели пуррагӣ, асоснокӣ ва аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти ӯ буда, ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ ба таври комил мусоидат менамояд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардида, объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назарию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назарию амалии он муайян карда шудаанд.

Диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» дар ҳаҷми 343 саҳифа бо сохтори иборат аз муқаддима, 5 боб, 13 зеобоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт таҳия гардидааст.

Боби 1-уми диссертатсияи ба масъалаи Асосҳои таърихии ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарии халқи тоҷик бахшида шуда, аз се зербоб иборат аст:

Зербоби якум «Тавсифи умумии арзишҳои ахлоқии миллӣ ва умумибашарӣ» номгузорӣ гардидааст. Дар ин зербоб, муаллиф тавсифи умумии арзишҳои ахлоқии миллӣ ва умумибашариро ҳамчун омили муҳими ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон баррасӣ карда, ақидаҳои олимони барҷастаро таҳлил менамояд.

Зербоби дуюм ба «Асосҳои пайдоиш ва инкишофи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ» бахшида шудааст. Дар ин

зербоб муаллиф зикр кардааст, ки «Арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, ки дар як давраи муайяни таърихӣ ба вуҷуд омадаанд, дар назарияҳои илмию сиёсӣ, осори ҳунарӣ, принсипҳои ахлоқу одоб ва зиндагии мардум, бешубҳа, осори худро хоҳанд гузошт». Муаллиф, инчунин, қайл мекунад, ки: «Ҳамзамон бо ташаккул ва мураккаб шудани муносибатҳои ҷамъиятӣ доираи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ густариш ёфта, ҳадафҳо, вазифаҳо ва ҷанбаҳои онҳо, ки сарнавишти инсон, ҳаёти имрӯзу ояндаи ӯро муайян мекунанд, тағйир меёбад».

Дар зербоби сеюм муаллиф мафҳуми анъана ва расму оинҳо ҳамчун арзишҳои ахлоқии миллӣ ва аҳамияти онҳо дар тарбияи ҷавонони донишҷӯро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар маҷмуъ, ин боб бо асоснокии илмӣ ва аҳамияти амалии худ баёнгари дарки амиқи муаллиф аз мавзӯъ буда, корро барои идомаи таҳқиқоти амалӣ омода месозад.

Боби 2-юми диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир ба пайдоиш ва рушди андешаҳои педагогии ниёгон ва нақши онҳо дар рушди педагогикаи муосири тоҷик бахшида шудааст. Ин боб аз се зербоб иборат аст:

Зербоби 2.1 зуҳур ва рушди афкори педагогии мутафаккирони тоҷик тамаркуз мекунад.

Зербоби 2.2 зуҳур ва рушди афкори педагогии мутафаккирони тоҷикро баррасӣ менамояд. Тамаркуз ба анъанаҳои педагогикаи халқӣ дар ин замина, ба аҳамияти фарҳангии ин ҳамкорӣ ишора мекунад ва роҳҳои ҷалби волидайн ва ҷомеаро ба раванди арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон зимни истифодаи афкори педагогии ниёгон нишон медиҳад.

Зербоби 2.3 ба ғояҳои мутафаккирони тоҷик дар бораи ташаккули шахсият дар раванди таълиму тарбия бахшида шудааст. Дар ин зербоб қайд мегардад, ки ба ҳам наздик шудани халқҳо танҳо дар асоси арзишҳои умумибашарӣ ба амал омада метавонад, ки ба мустаҳкам шудани дӯстӣ ва ҳусни ҳамҷаврии байни халқҳо мусоидат мекунанд. Таҷрибаи маънавие, ки ниёгони мо ҷамъ кардаанд, бояд асоси ғоявии таҳаввули шуури ҷамъиятӣ гарданд.

Боби 3-юми диссертатсия ба Арзишҳои ахлоқию маънавии таълиму тарбия дар осори ниёгони халқи тоҷик бахшида шудааст. Ин боб аҳамияти фарҳангӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавонро зимни истифодаи афкори педагогии ниёгон амиқтар таҳлил мекунад ва аз се зербоб иборат аст:

Зербоби 3.1 ба асосҳои тарбия ва ҷаҳонбинии дунявиро ҳамчун зербинои таълиму тарбияи муосир таҳлил менамояд.

Дар зербоби 3.2, муаллиф ба қобилият ба меҳнат ҳамчун асоси рушди маънавии инсон ва шаҳрванди муосир диққат медиҳад.

Зербоби 3.3 ба тарбияи арзишҳои оилавӣ – ҳамчун асоси рушди устувори ҷомеаи муосир бахшида шудааст. Ин қисмат фарҳанги миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо анъанаҳои халқӣ, расму оинҳо ва урфу одатҳои худ дар умқи таърих, ки реша дорад бо дарназардошти анъанаҳои тарбияи миллӣ пешниҳод мекунад.

Дар маҷмуъ, боби сеюм нишон медиҳад, ки диссертатсия на танҳо ба ҷанбаҳои арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон, балки ба ташаккули ҳамаҷонибаи шахсият тавассути воситаҳои миллии тарбия низ диққат медиҳад.

Боби 4-уми диссертатсия Нақши андешаҳои педагогии ниёгон дар ташаккули арзишҳои миллию инсонии насли наврасу ҷавон номгузорӣ карда шудааст ва аз ду зербоб иборат аст:

Зербоби 4.1 ҳамгироии арзишҳои афкори педагогии ниёгонро дар ташаккули ахлоқи насли наврасу ҷавонон таҳлил мекунад. Дар ин қисмат, муаллиф вижагиҳои педагогикаи этникиро мавриди баррасӣ қарор дода, зикр мекунад, ки: «вижагиҳои педагогикаи этникӣ дар раванди инкишофи худ бештар ба педагогикаи халқӣ такя карда ҳадаф, вазифа ва мазмуни яксон дорад».

Зербоби 4.2 муаллиф ба ҳувияти миллӣ ва ҳамгироии он ба арзишҳои ахлоқии умумибашарии насли наврасу ҷавон диққати махсус додааст.

Боби 5-уми диссертатсия ба таҳлили ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарии насли наврасу ҷавон бо истифода аз ғояҳои педагогии ниёгон дар шароити муосир бахшида шудааст. Ин боб аз ду зербоби зерин иборат мебошад:

5.1 - равандҳои демократикунонии ҷомеа ва таъсири онҳо ба ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарии насли наврасу ҷавон;

5.2 - аҳамияти татбиқи ақидаҳои педагогии ниёгон дар низоми таҳсилоти муосир.

Дар маҷмуъ, боби панҷуми таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф таҳлилу баррасии равандҳои демократикунонии ҷомеа, таъсири онҳо ба ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон ва аҳамияти татбиқи ақидаҳои педагогии ниёгон дар низоми таҳсилоти муосирро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат мутобиқ ба талаботи Дастурамал оид ба барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ – доктори фалсафа (PhD), номзади илм ва доктори илм – таҳия шудааст. Автореферати диссертатсия муҳтавои мухтасари рисоларо инъикос намуда, тасаввуроти дақиқ дар бораи моҳияти таҳқиқот ва натиҷаҳои бадастомадаи муаллифро фароҳам меорад. Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулоса ва тавсияҳо дар асоси талаботи Комиссия ва Дастурамал ба таври илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, инчунин, бо мисолҳо ва ҷадвалҳо мустаҳкам шудаанд.

Матни диссертатсия мутобиқ ба муқаррароти Дастурамал равон, дақиқ ва бо забони тоҷикӣ ба таври босаводона таҳия гардида, сохтори он, ҷойгиркунии қисмҳои гуногун, пайвасти мантиқӣ ва муттасилии маводи илмӣ пурра риоя шудааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Тахассуси илмии довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадзода Зулфия Кабир ба ихтисоси илмии дархостшаванда – дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пурра мутобиқат мекунад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» як таҳқиқоти ҳамаҷониба ва арзишманд дар соҳаи педагогика **башумор меравад**. Новобаста ба дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонад. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд. Аз ҷумла:

1. Дар қисматҳои муайяни матн ифодаҳои такрорӣ ва ибораҳои умумии бе мазмуни таҳлилӣ дида мешаванд, ки таъсири зеҳнӣ ва фаҳмоии муҳтавои илмиро коҳиш медиҳанд.

2. Дар баъзе мавридҳо ҷудосозии байни бахшҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот ниёз ба равшантар баён карданро дорад.

3. Сатҳи истифодаи маълумоти оморӣ, ҷадвалҳо ва диаграммаҳо метавонад васеътар ва таҳлилгаронатар бошад.

4. Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва фарогирии сиёсати давлатии тарбия камранг инъикос ёфтаанд, гарчанде мавзуъ ба самтҳои миллӣ ва давлатӣ иртиботи мустақим дорад.

5. Қисме аз тавсияҳо метавонанд бо мисолҳои мушаххаси татбиқ дар муҳити таълимии кишвар тақвият дода шаванд, то таъсири амалиашон равшантар гардад.

6. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ вуҷуд доранд, киислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқотиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.**

Хулоса, диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ва талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Такриз аз ҷониби эксперт, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими ибтидоии факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Раҷабов Тағоймурод Бобоқулович таҳия гардидааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо иштироки довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадзода Зулфия Кабир, ки оид ба мавзуи таҳқиқоти худ маърӯза намуд, мавриди баррасӣ қарор гирифта, тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ 15 нафар устодону омӯзгорон иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар, «бетараф» - нест, «муқобил» - нест. (Қарори ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 13 июни соли 2026, №21)

Раиси ҷаласа:
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент, мудири кафедраи
умумидонишгоҳии педагогикаи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ — Мансурова Ҷамила Сулаймоновна

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
профессори кафедраи методикаи
таҳсилоти ибтидоии факултети
педагогикаи Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
доктори илмҳои педагогӣ — Раҷабов Тағоймурод Бобоқулович

Котиби илмии ҷаласа:
номзади илмҳои педагогӣ — Арбобова Фароғат Анваровна

13.06.2026

Имзои Ҷ.С. Мансурова, Р.Т., Раҷабов ва Ф.А. Арбобоваро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Қодирзода Сайвали Муҳибулло

**Суроғаи муассисаи пешбар:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; Тел: +992 (37) 224 13 83,
E-mail: info@mail.ru, www.tgpu.tj